**Омӯзиши вазъи кӯдакон**

Бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва бо дастгирии Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон кормандони шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тӯли рӯзҳои 11-15 марти соли 2014 аз як қатор муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дидан карданд.

Дар давоми ин рӯзҳо вазъи кӯдакон дар мактаб интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятим дар шаҳри Кӯлоб, мактаб – интернати №1 ҷамоати деҳоти ба номи М.Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ, хонаи бачагони деҳаи Танобчии ноҳияи Темурмалик, мактаби таҳсилоти ибтидоӣ дар деҳаи лӯлиёни ноҳияи Восеъ, ки дар он асосан кӯдакони ин деҳа таҳсил мекунанд, омӯхта шуданд.

Омӯзиши вазъи таълиму тарбия ва зисти кӯдакон дар ин муассисаҳо нишон доданд, ки пешравиҳо дар соҳаи маориф дида мешаванд. Аммо камбудӣ ҷиҳати дастрасӣ ба оби тоза қариб дар ҳамаи ин муассисаҳо ҷой дорад.

Зимни вохӯрӣ бо кӯдакон ба онҳо дар бораи қонунугузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, ки ҳуқуқҳои кӯдакро танзим менамоянд, маълумот дода шуд. Хонандагону тарбиягирандагони муассисаҳои номбурда бо ҳуқуқҳои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда шинос шуда, ба онҳо брошураю буклетҳо оид ба ҳуқуқҳои ноболиғон ҳангоми дастгиркунӣ, ҳабс ва дар рафти мурофиаи судӣ супорида шуданд.

Ҳангоми сӯҳбат ба кӯдакон оид ба нақши шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод шуд. Онҳо бо тартиби муроҷиат ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ошно шуданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тасмими гирифтааст, чунин вохӯриҳоро бо кӯдакон боз ҳам зиёд кунад.

***Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кудак***


АХБОРИ

